# ПРОТОКОЛИ №102

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-O11-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

13 майи соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доранд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 28 марти 2025 с., №122/шд) тасдиқ шудааст, 12 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. Кворум ҳаст, аз ин рӯ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз намояд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Ягон таклифу пешниҳод ҳаст? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Ба ҳимоя тавсия додани кори диссертатсионии Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло дар мавзуи «Моделсозии математикӣ ва компютерии боркашонии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли Нерӯгоҳи барқии обии Роғун бо истифодабарии методҳои барномасозии хаттӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.10. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

**Баромад намуд:** Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ Илолов М.И. ва раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Назимов А.Б. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад намуданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1.Диссертатсияи Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло дар мавзуи «Моделсозии математикӣ ва компютерии боркашонии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли Нерӯгоҳи барқии обии Роғун бо истифодабарии методҳои барномасозии хаттӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.10. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Фарҳод Шокир -** доктори илмҳои физикаю математика, профессори факултети нақшаҳои интеграии Донишгоҳи почта ва телекоммуникатсияи Чунсини Ҷумҳурии Халқии Хитой;
- **Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо -** доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар таъин карда шавад:

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн кардани автореферат дар ҳаҷми 100 адад иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 17 – уми июли соли 2026, соати 10:30 таъин карда шавад.

Қарор якдилона қабул шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои физикаю математика,**
**профессор, академики АМИТ** **М. Илолов**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои физикаю математика** **А.Б. Ғафоров**